«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», профессор Давлатзода С. Х.
_____
«_6_»_____01_____ 2021

ХУЛОСАИ
кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Ба диссертатсияи номзадии Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи **«Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дар кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Муаллифи диссертатсия Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Мавсуф соли 2006 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи аъло хатм намудааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Тағаймуродов Рустам Ҳакимович мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (айни ҳол Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав») аз 25.02.2008, қарори № 6 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатномаи супоридани имтиҳони номзадӣ ба диссертант Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 23-юми апрели соли 2019 дода шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, мавзуи баҳси он таҳқиқи рӯзгору осори илмиву адабӣ, таҳлили мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, се боби асосӣ бо дарбаргирии зербобҳои мувофиқ, хулоса ва китобнома иборат аст.

Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Мақсад ва вазифаи таҳқиқ ба таври мукаммалу густарда матраҳ намудани масоили замону макони зиндагии Бобо Афзали Кошонӣ, рӯзгору осор ва ҷаҳонбинии ӯ, дар заминаи боэътимод нишон додани мавқеи рубоӣ дар эҷодиёти адиб, то андозае муайян намудани рубоиёти машкук, баррасии мазмуну мундариҷа ва ҷилвaҳои ҳунарии ашъори шоир буда, муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки ба ин васила мақоми Афзалуддини Кошониро дар ташаккулу таҳаввули адабиёти форсии тоҷикӣ, бахусус жанри рубоӣ ва шеъри ирфонӣ, муайян намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳо ва маъхазҳои илмии марбут ба рӯзгору осори Бобо Афзали Кошонӣ, махсусан китоби «Матни комили рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ» (Теҳрон, 1363), ки аз ҷониби муҳаққиқи шинохтаи эронӣ Саид Нафисӣ тасҳеҳ ва таҳия гардидааст, «Девони ҳаким Афзалуддин Муҳаммад Марақии Кошонӣ (Бобо Афзал)» (Кошон, 1372), китоби «Мусаннифоти Афзалуддин Муҳаммад Марақии Кошонӣ» (Теҳрон, 1366), нусхаҳои хаттӣ ва суратнусхаҳои гуногуни дастнавису чопии ашъори Бобо Афзал, ки дар Тоҷикистон ва берун аз марзи он китобат шуда ё ба нашр расидаанд, бахусус нусхаҳои қаламии осор ва ашъори Бобо Афзали Кошонӣ, ки дар Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти рақамҳои № 399; 677, 1595 маҳфузанд ва девони бархе аз шоирони рубоисарои адабиёти классикии форс-тоҷик, фарҳангу донишномаҳо, тазкираву луғатномаҳо ва кутуби дигар, ки миқдори дақиқи онҳо дар қисмати китобномаи диссертатсия оварда шудаанд, сурат гирифтааст.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқро осори илмиву назарии донишмандону адабиётшиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, аз ҷумла Ҳермон Эте, Е.Э. Бертелс, Э. Браун, Ян Рипка, Сайид Нафисӣ, Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Абдулғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Худоӣ Шарифзода, Урватулло Тоиров, Абдушукури Абдусаттор, Абдунабӣ Сатторзода, Бадриддини Мақсудов, Мирзо Солеҳов,

Мисбоҳиддини Нарзиқул, Низомӣ Муҳриддин, Рустам Тағаймуродов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертант ҳангоми ҳаллу фасли мукаммали масоили меҳварии рисола усул ва шеваву равишҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, омӯзиши типологии жанрҳо, сохтори жанрии адабиётшиносӣ, методи таҳлили системавию муназзам ва усулҳои таҷрибашудаи илми адабиётшиносии тоҷикро ба кор бурдааст.

Навоварии илмии таҳқиқ ва тозагиҳои мавзуи матраҳгардида дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик чигунагии муҳити зиндагӣ, аҳвол, фаъолияти илмиву адабӣ, осори манзуму мансур, интисоби рубоиёт, хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ, ки яке аз намояндагони барҷаста, вале камомӯхташудаи адабиёти тасаввуфии форс-тоҷик мебошад, мавриди таҳқиқи муфассалу мукаммал қарор гирифтааст.

Аҳамияти назарию амалии таҳқиқ дар он аст, ки диссертатсияи мазкур барои равшанӣ андохтан ба масоили то ҳанӯз ношинохтаи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ориф, ҳаким ва шоири рубоисарои адабиёти асрҳои XII-XIII Афзалуддини Кошонӣ мусоидат намуда, дар нақду баррасии аҳволу осори ин нависандаи соҳибзавқ, орифи шоир ва файласуфи мубтакир сарчашмаи муътамаде буда метавонад. Илова бар ин, хулоса ва натиҷагириҳои муаллиф аз мавзуи ҳадафи таҳқиқ баррасӣ ва нақди адабиёти тасаввуфии тоҷикро комилтар намуда, дар муайян намудани вижагиҳои жанриву мавзуӣ ва мазмуну мундариҷаи шеъри ирфонии як давраи муайяни таърихӣ нақши муҳим дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқ ба таври эътимодбахш собит месозанд, ки Бобо Афзали Кошонӣ ҳакими муталеъ, орифи эҷодкор ва шоири соҳибзавқе буда, дар рушду инкишофи илму адабиёти форс-тоҷик, бахусус баррасии мазмунҳои ирфонӣ дар рубоӣ, саҳми назарраси худро гузоштааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи илмии рисола дорои аҳамияти баланди назарӣ буда, хулосаҳои он метавонад дар таълифи китобҳои таърихи адабиёти классики форсии тоҷикӣ, бахусус адабиёти тасаввуфии асримиёнагӣ, назарияи жанрҳои он, суннатҳои адабӣ ва амсоли инҳо мусоидат намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки маводи диссертатсияи мазкурро метавон зимни таълифи китобҳои дарсӣ доир ба вазъи адабиёти бадеӣ ва намояндагони он дар давраи истилои муғул, мақолаву

монографияҳои илмӣ, хондани лексияҳо дар курсҳои тахассусӣ, машғулиятҳои факултативӣ доир ба адабиёти тасаввуфӣ ва мушаххасоту суннати рубоисарой дар адабиёти форс-тоҷик, назариёти адабӣ ва монанди инҳо дар факултетҳои филологии донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар мақолаҳои зиёди муаллиф, ки оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ гузориш додааст, инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, 5 мақолаи ӯ дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Маҳмадалиева, М. Панду андарз дар рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – Қӯрғонтеппа: Матбаа, 2017. – №1/3 (47). – С.27-33.

[2-М]. Маҳмадалиева, М. Орои ирфонӣ дар рубоиёти Бобо Афзал / М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – Қӯрғонтеппа: Матбаа, 2017. – №1/4 (49). – С.3-10.

[3-М]. Маҳмадалиева, М. Таҷаллии ишқи ирфонӣ дар рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – №2. – С. 217-223.

[4-М]. Маҳмадалиева, М. Баъзе мулоҳизаҳо доир ба рубоиёти Афзалуддини Кошонӣ / М. Маҳмадалиева // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2018. – №2 (55). – С. 102-107.

[5-М]. Махмадалиева, М. Афзалуддини Кошонӣ – поэт, мыслитель и сочинитель рубаи / М. Махмадалиева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 183-187.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи номзадии Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна ба ду ҷанбаи он ҳамчун ҷанбаи норасой ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва дигаре ба ҷо доштани ғалатҳои имлоиву китобат дахл доштанд. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва ваъдаи бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия маҷлиси кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Ҳамин тариқ, зимни музокирот аҳли нишаст ба хулосае омаданд, ки диссертатсия бо навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик пурра мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ҷиҳати ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия дода мешавад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» қабул гардид.

Дар ҷаласа 16 нафар, аз ҷумла 2 нафар доктори илми филология, 6 нафар номзади илми филология иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 6 аз 5-уми январи 2021.

Раиси маҷлис,
Мудири кафедраи адабиёти тоҷик,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент: **Аҳмадов С.**

Котиби илмӣ, саромӯзгор: **Ҳакимов С.**

Имзои С. Аҳмадов ва С. Ҳакимовро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ МДТ «Донишгоҳи давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав»: **Шукурзод Ҷ.**

Нишонӣ: 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53

E-mail: ktsu78@mail.ru